Нагӯед: Он чи Аллоҳ ва фалонӣ бихоҳад, балки бигӯед: Он чи Аллоҳ бихоҳад, сипас фалонӣ бихоҳад

Аз Ҳузайфа (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: "Нагӯед: Он чи Аллоҳ ва фалонӣ бихоҳад, балки бигӯед: Он чи Аллоҳ бихоҳад, сипас фалонӣ бихоҳад."

[Саҳеҳ ба маҷмуъи ривоятҳояш] [رواه أبو داود والنسائي في الكبرى وأحمد]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) наҳйи кардааст, ки мусалмон дар суханаш чунин бигӯяд: "Он чи Аллоҳ ва фалонӣ бихоҳад." Ё ҳар чи Аллоҳ ва фалонӣ бихоҳад; Зеро ирода ва хоҳиши Аллоҳ мутлақ аст ва ҳеҷ кас дар ирода ва хоҳишаш бо Ӯ шарик нест. Ва дар кор бурдани (ва) дар ин ҷумла ин эҳсос мешавад, ки касе бо Аллоҳ шарик аст ва бо ҳам яксон ҳастанд. Аммо шахс бояд чунин бигӯяд: Он чи Аллоҳ бихоҳад, сипас фалонӣ бихоҳад. Пас бо гуфтани "сипас" ба ҷои "ва" хоҳиши бандаро тобеъи иродаи Аллоҳ мегардонад, зеро "сипас" нишонаи баъд омадан аст.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/3352